# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии Водии Ҳисор»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Мунтазам афзудани аҳолии кураи замин ва зиёд шудани талаботи он ба маҳсулоти хоҷагии қишлоқ талаботро ба баланд бардоштани ҳосилхезгардонии заминҳои таъйиноти кишоварзӣ, беҳтар намудани киштгардон, ҷорӣ намудани комплекси навтарини усулҳои агротехникӣ бо системаи самарабахши коркарди замин дар истеҳсолоти кишоварзиро тақозо менамояд.

Дар заминҳои лалмии ҷумҳурӣ барои рӯёнидани ҳосили баланд технологияи захираи намӣ нақши асосиро ишғол менамояд. Дараҷаи ҳосилнокии зироатҳо дар шароити водии Ҳисор ба арзёбии боришот ва ҳарорати ҳаво хеле алоқаманд аст.

Муайян кардани вобастагии ҳосил аз омилҳои муҳити зист ва муайян кардани робитаи байни ҳосил ва шароити парвариш дар заминҳои лалмии ҷумҳурӣ парвариш ва истеҳсоли мушунг, зағир ва маъсар барои аҳолӣ нақши калидиро иҷро менамояд, чунки парвариши зироатҳои равғандеҳ, аз қабили зағир ва маъсар дар заминҳои лалмии бо намитаъмин аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, дараҷаи самаранокии истифодабарии ин намуди заминро баланд бардошта, аҳолии кишварро бо равғани растании истеъмолии ватанӣ таъмин намуда, ҳосилхезии хокро баланд мебардорад ва барои рушди соҳаи чорводорӣ дар минтақа аҳамияти муҳим дорад.

Вале ҳамаи ин бе асосҳои илмӣ имкон надорад. Аз ин рӯ кори илмии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии Водии Ҳисор» дар давраи ҳозира дараҷаи актуалӣ дорад.

Аз ҷониби дигар дар шароити тағйирёбии иқлим ва истифодаи сарфакоронаи технологияҳои камхарҷ дар бахши такмилдиҳии технологияи захираи самаранокии намӣ дар заминҳои лалмӣ барои гирифтани ҳосили устувори маҳсулотҳои ғизогӣ ва дар ин замина таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии давлат, барои иҷрои барномаи озуқавории мамлакат саҳм мегузорад.

Дар рисолаи илмии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич вазифаҳои дар самти таҳқиқотҳои гузаронидашуда, аз ҷумла, такмилдиҳии технологияи самаранокии захираи намӣ, омӯзиши хусусиятҳои тараққиёт, нашъунамо, нишондодҳои фотосинтетикӣ ва фитометрӣ ва ҳосилнокии зироатҳо омӯхта шуда, самаранокии парвариши зироатҳои мушунг, маъсар ва зағир вобаста аз чуқурии коркарди хок муайян карда шуда, ба таври назариявӣ ва амалӣ исбот гардидааст.

Исботи таъсири чуқурии коркарди хокро ба ташаккулёбии биомассаи биологӣ, масоҳати барг, нишондодҳои фотосинтетикӣ ва сохтори

таркибии ҳосили зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва равғандиҳанда бори аввал дар минтақа гузаронидашуда, навгонии илмии таҳқиқотро нишон медиҳад.

Омӯзиши амиқи таҳлили адабиётҳои илмӣ, кор карда баромадани барномаи таҳқиқот, иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишӣ, корҳои аналитикӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди математикии натиҷаҳои бадастомада саҳми бевоситаи иштироки унвонҷӯ мебошад.

Саҳми тадқиқотчӣ дар интишор ва нашри бештар аз 70% маводи илмии ба табъ расида дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи дар сатҳи баланд омода намудани рисолаи илмиро нишон медиҳад.

Дар маҷмӯъ, тавсия ва истифодаи амалияи натиҷаҳо дар истеҳсолот ва истифодаи он аз ҷониби хоҷагидорон дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини Водии Ҳисор барои гирифтани ҳосили баланди дон, анбӯҳи сабз ва равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза бо гузаронидани шудгори босифати чуқури коркарди 30 см хок дар раванди парвариши зироатҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ва навъҳои минтақабобгардида барои баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои лалмӣ мусоидат намуда, ҳаҷми маҳсулотро дар хоҷагиҳои кишоварзӣ афзун ва арзиши ин намуди маҳсулотҳоро дар бозори истеъмолии ҷумҳурӣ паст мегардонад.

Новобаста аз нишондиҳандаҳои илмии бадастоомада рисолаи илмӣ аз камбудиҳо орӣ нест ва хатогиҳои матнӣ, имлоӣ ва мазмунӣ дар он дида мешавад. Лекин он ба ҳусн ва қубҳи рисолаи илмӣ таъсиррасон нест.

Дар робита ба ин, диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии Водии Ҳисор» таҳқиқоти баанҷомрасидаи муҳим дар ин самт шуморида шуда, мақсаду вазифаҳои гузошташуда иҷро карда шудааст ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-ро аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Муовини сардори раёсати
робитаҳои байналмилалӣ,
илм ва татбиқи дастовардҳои
илмии Вазорати кишоварзӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ
аз рӯи ихт. (06.01.07) - муҳофизати растанӣ Солиев Ш.Т.
суроға: ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи
А. Дониш 32/2, ҳуҷраи 10 тел: (+992) 935151965

Имзои Солиев Ш.Т. – ро
тасдиқ мекунам: Сардори
раёсати кадрӣ ва таъминоти ҳуқуқӣ Зарипов А. Қ.

РАЁСАТИ КАДРӢ ВА ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ